“ТАСДИҚ МЕКУНАМ”
Ректори МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ”, доктори илмҳои таърих, профессор
_______________ Ибодуллозода А.И.

25.04.2025с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ба диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар мавзӯи “Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 – Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода ба муаммои педагогии ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ) бахшида шудааст. Мубраму муҳим будани мавзӯи таҳқиқотро ислоҳоти муосири низоми таҳсилоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумла, таҳсилоти муосири касбии олӣ ва торафт бештар мавқеъ пайдо кардани талаботи ҷомеа ба мутахассисони соҳибмаънавият ва дар ин замина ба миён омадани зарурати ҷустуҷӯву татбиқи воситаву методҳои нави ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ ва ташкили шароити педагогӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи ташаккули ин сифатҳо бо фарогирии тамоми имконияти макотиби олӣ асоснок менамояд.

Аз ин нуқтаи назар, интихоби мавзӯъ ва коркарди илмии он дар шакли татқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар марҳилаи кунунии рушди маориф ва таҳсилот ҳамчун мавзуи муҳим ва рузмарраи илми муосири педагогӣ маҳсуб меёбад.

*Дар муқаддимаи диссертатсия* мубрамии мавзӯъ ва зарурати таҳқиқи он асоснок гардида, дараҷаи омӯхта шудани муаммои таҳқиқшаванда, ҳадаф, объект, мавзӯи таҳқиқот муайян шудаанд; вазифаҳо ва методҳо, соҳаи таҳқиқот мушаххас гардида, марҳалаҳои он нишон дода шудаанд; пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот таъйин шуда, боэътимодии натиҷаҳо ва навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда ифода ёфтаанд.

Дар боби якуми диссертатсия, ки «Асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён ҳамчун сифати арзишманди касбии омузгори оянда» номгузорӣ шудааст, муаммоҳои ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар асоси таҳқиқотҳои фалсафию педагогӣ баррасӣ гардида, таҳлили мундариҷаи ташкилӣ-фаъолиятии таълими забони хориҷӣ ҳамчун воситаи ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён анҷом ёфтааст ва консепсияи назариявӣ ва амсилаи ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълиму тарбияи мактаби олӣ коркард ва пешниҳод гардидааст.

Дар ин қисмат муаллиф дуруст қайд намудааст, ки муаммои ташаккули шахсияти иҷтимоии инсонпарвар дар таҳқиқоти педагогию психологии солҳои охир калидӣ мебошад. Шарти муҳимтарине, ки ҳамгироии бомуваффақияти рушди эҷодии миллӣ ва умумиинсониро таъмин менамояд, «ҳаммонандшавии миллӣ – фарҳангии шахсият, дарки мансубияти худ ба фарҳанги муайян ва интериоризатсияи арзишҳои он мебошад». Нусхабардории арзишҳои Ғарб метавонад боиси бехусусият шудани фарҳанги мо гардад. Дар ин бобат академик М.Лутфуллозода

чунин гуфтааст: «... иқтибос аз Ғарб бояд серталабона сурат гирад. Муҳимтар аз ҳама, дар хотир бояд дошт, ки тарзи тафаккури халқи тоҷик аслан дигаргуна аст, он тавре нест, ки дар Ғарб мебошад ва ҳеҷ гоҳ чунин набуд. Ва дар ин ҷо мо якбора ба ду хулоса наздик мешавем: якум, тамаддунҳо, кишварҳо ва халқҳо воқеан дорои низоми гуногуни арзишҳо мебошанд, ки асрҳо шакл гирифтаанд. Дувум, ба ҳеҷ ваҷҳ муқоисаро аз рӯйи тарҳи хуб – бад, бадтар – хубтар анҷом набояд дод». Дар асоси дидгоҳҳои муҳаққиқон унвонҷӯй мафҳумҳои «ахлоқ», «фарҳанги ахлоқ», «ташаккули фарҳанги ахлоқӣ» – ро баррасӣ намуда, шароитҳои дидактикии истифодаи воситаю усулҳои ташаккули ин сифатҳоро дар раванди таълим, ҳамчунин корбурди самараноки шаклҳо, методҳо ва воситаҳои таълимро дар муҳити муосири макотиби олӣ муайян кардааст. Имрӯз махсусан муҳим аст, ки ҷавонони донишҷӯ барои ошноӣ бо таърих, фарҳанг, анъанаву одатҳои халқи худ ва халқҳои дигар имкон дошта бошанд, мустақилона таҳлил ва хулоса бароранд, ки сарҳади байни ҳақиқат ва сохтакорӣ куҷост, барои ҳалли муаммоҳо аз мавқеи интернатсионализм, муносибатҳои хайрхоҳона, ахлоқ ва таҳаммулпазирӣ омода бошанд.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки «Технологияи педагогии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён ҳамчун сифати барои касб арзишманди педагоги оянда» номгузорӣ шудааст, муаллиф дар бахшҳои алоҳидаи он перомуни масоиле чун: шартҳои педагогии ташаккули фарҳанги ахлоқӣ-арзишии донишҷӯён дар раванди таълиму тарбияи мактаби олӣ; тавсифи мундариҷаи кори таҷрибавӣ-педагогӣ оид ба ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён; самаранокии технологияи педагогӣ оид ба ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълиму тарбияи мактаби олиро таҳқиқ кардааст. Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар боби мазкур, ки асосан ба корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ бахшида шудааст, мундариҷаи маводҳои сершумори он аз қабили натиҷаҳои пурсишномаҳо, таҳлили санадҳои

муҳими таълимӣ, маълумотҳои омории озмоишҳо ва монанди ин маводҳо дақиқан ва ба таври возеҳу равшан оварда шудаанд.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар асоси таҳқиқи ин масъалаҳо ҳолати ташкилию педагогие, ки барои татбиқи технологияҳои муосири ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён мусоидат менамоянд, муайян карда шаванд.

Дар асоси тадқиқоти гузаронидашуда дар ин бахш, муаллиф қайд менамояд, ки дар мундариҷаи ин технология дастурамалҳо, низомномаҳо, маводи методӣ, нақшаву барномаҳо, шаклҳои ҳуҷҷатҳои таълимӣ, ҳамчунин марказҳои идоракунии сифати таҳсилот, маркази мониторинг мавқеи муҳимро ишғол менамоянд.

*Натиҷагириҳои муаллиф дар* заминаи таҳлили амиқ ва ҳаматарафаи масоили таҳқиқшаванда имкон фароҳам овардааст, муаллиф ба чунин *навгониҳои илмии таҳқиқот* ноил гардад, ки дар нуктаҳои зер ифода ёфтаанд: – консепсияи илмӣ ва амсилаи ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ бо назардошти арзишҳои миллӣ-ахлоқии халқи тоҷик коркард шудааст; – принсипҳо ва механизмҳои ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни мактаби олӣ дар қаринаи таҳсилоти инсонпарварона бо назадошти ҳувияти миллӣ дар раванди таълими забони хориҷӣ асоснок гардидааст; – шартҳо ва омилҳое муайян шуданд, ки сатҳи баланди самаранокии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни мактаби олӣ ва бомуваффақият ҳамгиро шудани онҳоро ба фаъолияти таълимӣ – маърифатии таҳсилот дар мактаби олӣ таъмин мекунанд; – ҳамбастагии ташаккули маҳорати пойгоҳӣ, касбӣ, эҷодӣ ва сатҳи ташаккули сифатҳои фарҳангӣ – ахлоқии шахсияти донишҷӯ ошкор гардидааст.

*Аҳамияти назариявии* кори диссертатсионии Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар он зоҳир меёбад, ки таҳқиқоти мазкур дар самти асоснокии назария ва рушди ғояи муаммо, муқаррар намудани моҳияти

усул ва воситаҳои ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни мактаби олӣ саҳми муайян мегузорад.

*Аҳамияти амалии таҳқиқоти аз тарафи* Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода гузаронидашуда дар бунёди амсилаи воқеии ба амалия нигаронидаи ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯёни мактаби олӣ, коркарди муҷаҳҳазии иттилоотӣ-методии таъминкунандаи самаранокии баланди он, таҳияи дастурҳои таълим ва тавсияҳо оид ба ташкили раванди таҳсилот дар мактабҳои олии ҷумҳурӣ ифода ёфтааст. Ҷолиби қайд аст, ки барномаҳои муаллифии коркардшудаи махсус, ки самтгирии фарҳангӣ доранд, зимни омодагӣ ба курсҳои махсус дар муассисаҳои олӣ ва миёнаи махсус, дар низоми такмили ихтисоси ҳайати омӯзгорони мактаби олӣ метавонанд истифода шаванд. Асосҳои амсиласозии вазъияти тарбияткунанда оид ба ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ ҳамчун маҷмӯи методҳои илмӣ-таълимӣ, ки дар таҳқиқот пешниҳод шуданд, барои кормандони низоми маориф муфид буда, метавонанд дар таълими забони хориҷӣ дар шароити муосири низоми таҳсилоти ҷумҳурӣ истифода шаванд.

*Асоснокӣ ва боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфтаи диссертатсияи мазкур* бо дидгоҳҳои методологӣ, истифодаи маҷмуи методҳои назариявӣ – методологӣ ва озмоишии ҳалли муаммоҳо, таҳлили шароит ва натиҷаҳои кори таҷрибавӣ – озмоишӣ; тасдиқи матлабҳои дар фарзия ифодаёфта ва ғояи пешбари таҳқиқот; ҳамбастагии маҷмӯи методҳое, ки ба вазифаҳои марҳалаҳои таҳқиқот мувофиқанд; таҷрибаи шахсии кори муаллиф ба сифати педагог таъмин шудааст.

*Таҳлили таҳқиқоти гузаронидаи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода ба хулосае овард, ки саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқоти мазкур бо* иштироки бевоситаи муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот, дар масъалаҳои таҳлилии кори илмӣ, гирд овардани мавод ва таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, шарҳу тафсир ва муқоисаи назарияҳои олимони соҳа;

коркарди мушоҳида ва таҷрибаву озмоиш бо зикри натиҷаҳои ноилшуда; таҳқиқ намудани сохтор ва мундариҷаи корбарӣ бо донишҷӯён; муайян кардани имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти олӣ ҷиҳати ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ; коркард ва тариқи озмоиш санҷидани сатҳи ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ; амалӣ намудани кори таҷрибавию озмоишӣ, мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор додани натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ; интишори мақолаҳои илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот амалӣ гардидааст.

*Баҳогузории ягонагии дохилии натиҷаҳои бадастомада.*

Ягонагии натиҷаҳои бадастомадаро аз ҷониби диссертант риоя шудани мухлати марҳалаҳои таҳқиқот, мавриди истифода қарор гирифтани методҳои мувофиқ ба объект, мавзӯъ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, интихоби дурусти микдору ҳаҷми гурӯҳҳои озмоишӣ, имконияти воқеии такрори озмоиш дар амалияи таҳсилот таъмин намудаанд.

***Эродҳо ба кори диссертатсионӣ.***

Омузиш ва таҳлили рисолаи мазкур нишон дод, ки бо баробари вуҷуд доштани натиҷаҳои арзишманд ва дастовардҳои илмии назаррас, ки маҳсули фаъолияти пурсамари муаллифи рисолаи мазкур аст, дар рисола баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ба эътибор гирифтани он ба андешаи мо, барои боз ҳам баланд бардоштани сифати рисола кӯмак мерасонад:

1. Хуб мешуд, ки дар диссертатсия муаммо ва монеаҳое, ки дар раванди самаранокии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ вуҷуд доштанд, мавриди баррасӣ қарор дода шуда оиди бартараф намудани онҳо тавсияҳо дода мешуданд.

2. Дар диссертатсия, ба назари мо, агар таҷрибаҳои пешқадами дигар макотибҳои олӣ оиди ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар

раванди таълими забони хориҷӣ оварда мешуданд, барои қиёс намудани ин равандҳо ва таҳияи хулосаҳои боз ҳам муҳимтар замина мегузошт ва ҷанбаи амалии рисола боз ҳам қавитар мегардид.

3. Дар рисола муаллиф дар раванди корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оиди истифодаи меъёрҳои самараноки муайянкунии ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ маълумот додааст ва хуб мешуд дар бораи асосҳои муайян намудани ин меъёрҳо эзоҳ оварда мешуд.

4. Дар диссертатсия баъзе хатоҳои хусусияташон имлоӣ ва услубӣ ба назар мерасанд, ки бартараф намудани онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

*Тасдиқи пуррагии кофии интишороти нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо, ҷамъбасту хулосаҳои диссертатсия.* Натиҷаҳои дар марҳалаҳои таҳқиқот бадастомада дар ҷаласаҳои кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров», дар конференсияҳои ҳамасолаи илмӣ-амалии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳуриявӣ, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии вилояти Суғд, дар курсҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси омӯзгорон, конференсияҳои байналмилалӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот пешниҳод ва муҳокима шудаанд.

Натиҷаҳои асосии тадқиқот, хулосаҳо ва мазмуни диссертатсия дар 11 мақолаи илмии муаллиф инъикос шудаанд, ки 5 адади он дар маҷаллаҳои илмие, ки КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия додаанд, нашр шудаанд. Теъдоди чоп шудаи интишороти довталаб дар маҷаллаҳои тавсияшуда, ба банди 35 Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, мувофиқанд.

Қайд кардан ҷоиз аст, ки ҳадафу вазифаҳо, фарзияи илмии таҳқиқот ба мавзӯи он комилан мутобиқ мебошанд. Дастгоҳи илмии диссертатсия

ба мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, доираи кофии сарчашмаҳои илмиву методӣ, методология ва методҳои дар таҳқиқот истифодашуда, интихоби пойгоҳи корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ягонагии сохтори диссертатсияро таъмин намудаанд.

Дар маҷмӯъ, таҳқиқоти анҷомдодаи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар коркарди дидгоҳҳои методологӣ, назариявӣ ва амалии ҳалли муаммои ташаккули фарҳанги ахлоқии донишҷӯён дар раванди таълими забони хориҷӣ саҳми назаррас мегузорад.

*Мувофиқати автореферат ба мундариҷаи диссертатсия.* Дар автореферат марҳалаҳои таҳқиқот, натиҷаҳои кори таҷрибавӣ-озмоишӣ, хулосаву тавсияҳои асосии таҳқиқот пурра ифода ёфта, афтореферат мундариҷаи асосии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамояд.

Диссертатсияи Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода дар мавзӯи “Ташаккули фарҳанги маънавии донишҷӯён дар фаъолияти таълимӣ - тарбиявии макотиби олӣ (дар асоси маводҳои таълими забони англисӣ)”, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯи ҳаҷм, арзиши назарӣ ва амалӣ ба талаботҳои Низомномаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ аст ва муаллифи он, сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи илмҳои гуманитарӣ) мебошад.

Тақриз аз тарафи эксперт, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Самиев Тоҳирҷон мураттаб шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, ки дар он довталаби

дараҷаи илмӣ Мирҳакимӣ Нигора Мирҳакимзода иштирок ва бо маърӯза баромад намуд, баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ 14 нафар устодону омӯзгорон иштирок намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор" – 14 нафар, "бетараф" – нест, "муқобил" – нест. (Қарори ҷаласаи васеи семинари илмӣ-назариявии кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ аз 25 апрели соли 2025, № 10/1).

Раиси ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-методӣ, мудири кафедраи
умумидонишгоҳии педагогикаи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент — Мансурова Ҷ.С.

Эксперти таҳқиқоти диссертатсионӣ,
дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии
педагогикаи Донишгоҳи давлатии
омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
номзади илмҳои педагогӣ — Самиев Т.А.

Котиби ҷаласаи васеи семинари
илмӣ-назариявӣ, номзади
илмҳои педагогӣ — Арбобова Ф.

**Маълумот барои тамос:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; Тел: +992 (37) 224 13 83. E-mail: info@mail.ru, www.tgpu.tj

*Имзои Ҷ.С. Мансурова, Т.А. Самиев ва Ф. Арбобова – ро тасдиқ мекунам.*
*Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ* — *Мустафозода А.*

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС